Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
ҚАРОР
Правительство Республики Таджикистан
ПОСТАНОВЛЕНИЕ

аз 27 ноябри соли 2019 № 600
ш. Душанбе

Дар бораи Қоидаҳои додани иҷозат ба шахсони воқеӣ барои истихроҷи канданиҳои фоиданоки пошхӯрда бо усули худфаъолӣ ва худбиёрӣ

Мутобиқи моддаи 16 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сарватҳои зеризаминӣ», моддаи 11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо» ва моддаи 29 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қ а р о р м е к у н а д:

1. Қоидаҳои додани иҷозат ба шахсони воқеӣ барои истихроҷи канданиҳои фоиданоки пошхӯрда бо усули худфаъолӣ ва худбиёрӣ тибқи замима тасдиқ карда шаванд.

2. Муқаррар карда шавад, ки додани иҷозат барои истихроҷи канданиҳои фоиданоки пошхӯрда бо усули худфаъолӣ ва худбиёрӣ аз тарафи мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи молия тибқи талаботи қонунгузории соҳаи низоми иҷозатдиҳӣ амалӣ мегардад.

3. Вазорату идораҳо ва шахсони воқеӣ фаъолияти худро оид ба истихроҷи канданиҳои фоиданоки пошхӯрда бо усули худфаъолӣ ва худбиёрӣ тибқи талаботи Қоидаҳои мазкур ба роҳ монанд.

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии
Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
ҚАРОР
Правительство Республики Таджикистан
ПОСТАНОВЛЕНИЕ

от 27 ноября 2019 года № 600
ш. Душанбе

О Правилах выдачи разрешения физическим лицам на добычу россыпных полезных ископаемых старательским и вольноприносительским способами

В соответствии со статьей 16 Закона Республики Таджикистан «О недрах», статьей 11 Закона Республики Таджикистан «О драгоценных металлах и драгоценных камнях» и статьей 29 Закона Республики Таджикистан «О разрешительной системе» Правительство Республики Таджикистан п о с т а н о в л я е т:

1. Утвердить Правила выдачи разрешения физическим лицам на добычу россыпных полезных ископаемых старательским и вольноприносительским способами согласно приложению.

2. Установить, что выдача разрешения на добычу россыпных полезных ископаемых старательским и вольноприносительским способами осуществляется уполномоченным государственным органом в области финансов в соответствии с требованиями законодательства в сфере разрешительной системы.

3. Министерствам, ведомствам и физическим лицам осуществлять свою деятельность по добыче россыпных полезных ископаемых старательским и вольноприносительским способами в соответствии с требованиями настоящих Правил.

Председатель
Правительства Республики
Таджикистан Эмомали Рахмон

ВАЗОРАТИ МОЛИЯ
Р.В. №
«02» 12 2019 с.
ҶУМҲУРИИ

Бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 27 ноябри соли 2019, №600
тасдиқ шудааст

Қоидаҳои
додани иҷозат ба шахсони воқеӣ барои истихроҷи канданиҳои фоиданоки пошхӯрда бо усули худфаъолӣ ва худбиёрӣ

1. Қоидаҳои мазкур дар асоси талаботи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ», «Дар бораи сарватҳои зеризаминӣ» ва «Дар бораи металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо» таҳия гардида, фаъолияти шахсони воқеиро барои истихроҷи канданиҳои фоиданоки пошхӯрда бо истифода аз усули худфаъолӣ ва худбиёрӣ ба танзим медарорад.

2. Истихроҷи канданиҳои фоиданоки пошхӯрда бо усули худфаъолӣ ва худбиёрӣ (минбаъд - истихроҷи канданиҳои фоиданоки пошхӯрда) аз ҷониби шахси воқеӣ (минбаъд - дорандаи ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ) тибқи ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ дар минтақаҳои каъри замини захираҳояш ҳисобнашуда ва дар тавозуни давлатии захираҳои канданиҳои фоиданоки Ҷумҳурии Тоҷикистон гузоштанашуда амалӣ карда мешавад.

3. Ҷисмҳои водӣ ва шохобҳои дарёҳои ҷумҳурӣ (тахшинҳои аллювиалии нисбатан соҳил) ва сангрезаҳои доманакӯҳҳои (тахшинҳои элювиалӣ, делювиалӣ, пролювиалӣ ва коллювиалӣ) дар ҳудуди шаҳру ноҳияҳо мавҷудбуда, ки дар онҳо канданиҳои фоиданоки пошхӯрда бо усули худфаъолӣ ва худбиёрӣ истихроҷ карда мешаванд, аз ҷониби Сариҳдораи геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шуда, ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мегарданд.

4. Шахси воқеӣ аризаро барои гирифтани ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ ба мақомоти молияи маҳаллӣ пешниҳод намуда, ҳуҷҷатҳои аризадиҳандаро аз ҷониби мақомоти молияи маҳаллӣ дар мухлати пешбининамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баррасӣ ва додани ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ пешниҳод карда мешаванд. Ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон баъд аз тасдиқ гардидан тавассути мақомоти молияи маҳаллии даҳлдор ба аризадиҳанда дастрас мегардад.

5. Ба номгӯи канданиҳои фоиданоки пошхӯрда, ки истихроҷи онҳо бо усули худфаъолӣ ва худбиёрӣ иҷозат дода мешавад, металлҳои қиматбаҳо ва ранга: тилло, нуқра, платина, қалъагӣ (қалъагисанг), волфрам (волфрамит, шеелит), титан (рутил, илменит, лейкоксен), минералҳои унсурҳои нодирзаминӣ (лапарит, монатсит, ксенотим, баснезит), сангҳои қиматбаҳо ва нимқиматбаҳо: гурӯҳи корунд - ёқути сурх ва ёқути кабут, хризолит, топаз, азрақ, лаъл, клиногумит, беҷодаҳо, нефрит, ақиқ, гурӯҳи кварц (булури кӯҳӣ), пошхӯрдаҳои сурма, флюорит ва канданиҳои фоиданоки дигар дар таҳшинҳои элювиалӣ, делювиалӣ, пролювиалӣ ва коллювиалӣ дохил мешаванд.

6. Ҳангоми истихроҷ ва коркарди канданиҳои фоиданоки пошхӯрда аз ҷониби дорандаи ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ истифодаи маводи кимиёвӣ манъ мебошад.

7. Хариду фурӯши канданиҳои фоиданоки пошхӯрдаи истихроҷшуда тибқи Қоидаҳои хариду фурӯш, содирот ва воридоти металлҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳо ва ашёи хоми дорои металлҳои қиматбаҳо ва ранга, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 майи соли 2006, №215 «Дар бораи Қоидаҳои хариду фурӯш, содирот ва воридоти металлҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳо ва ашёи хоми дорои металлҳои қиматбаҳо ва ранга» тасдиқ шудаанд, ба роҳ монда мешавад.

8. Дорандаи ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ ҳуқуқ дорад:

- истихроҷи канданиҳои фоиданоки пошхӯрдаро бо истифода аз асбобҳои дастӣ, техникаи иқтидори муҳаррикаш на зиёда аз 50 қувваи асп ва дастгоҳҳои хурди тиллошӯӣ бо иқтидори истеҳсолии на зиёда аз 5м³/соат иҷро намояд;

- канданиҳои фоиданоки пошхӯрдаи дар банди 5 Қоидаҳои мазкур овардашударо барои харидорӣ ба нуқтаҳои хариди металлҳои қиматбаҳои дар маҳалҳо расман таъсисдодашуда ва ба корхонаҳои саноатие, ки дорои иҷозатномаи коркарди маъданро доранд (ба истиснои металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо), пешниҳод намояд.

9. Дорандаи ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ уҳдадор аст:

- талаботи қонунгузориро оид ба технологияи пешбурди корҳо вобаста ба истифодаи каъри замин ва бехатарии саноатӣ ҳангоми истихроҷи канданиҳои фоиданоки пошхӯрда риоя намояд;

- металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои истихроҷшударо ба хазинаи сарватҳои давлатии назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ё ба нуқтаҳои хариди металлҳои қиматбаҳои дар маҳалҳо таъсисдодаи хазинаи сарватҳои давлатии назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон фурӯшад. Дар сурати дар шакли хатӣ рад кардани харид аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ, маҳсулоти истихроҷшударо ба дигар нуқтаҳои хариди металлҳои қиматбаҳои дар маҳалҳо расман таъсисдодашуда пешниҳод намояд;

- қоидаҳои ҳифзи меҳнат, техникаи бехатарӣ ва ҳифзи муҳити зистро риоя ва иҷро намояд;

- қитъаҳои замин ва дигар объектҳои табииеро, ки ҳангоми истифодаи қаъри замин хароб шудаанд, барқарор намуда, барои истифодабарии оянда ба ҳолати пешина оварад;

- дар минтақаҳои сарҳадӣ танҳо дар мувофиқа бо сохторҳои дахлдори қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият намояд;

- шартҳоеро, ки ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ муқаррар намудааст, иҷро намояд.

10. Барои қитъаҳои истихроҷи канданиҳои фоиданоки пошхӯрда бо усули худфаъолӣ ва худбиёрӣ барасмиятдарории ҳуҷҷатҳои заминсозӣ талаб карда намешавад.

11. Пинҳон кардани маҳсулоти истихроҷшудаи канданиҳои фоиданоки пошхӯрда, инчунин риоя накардани қоидаву талаботи бехатарӣ дар пешбурди корҳои кӯҳӣ ҳангоми истихроҷи канданиҳои фоиданоки пошхӯрда бо усули худфаъолӣ ва худбиёрӣ, ки боиси зарари ҷисмонӣ ё фавт мегардад, асос барои бекор кардани ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ мебошад.

12. Дар ҳолати ба миён омадани зарурати ба эҳтиёҷоти давлатӣ гирифтани қитъае, ки иҷозат барои истихроҷи канданиҳои фоиданоки пошхӯрда бо усули худфаъолӣ ва худбиёрӣ дода шудааст, амали ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ бе шартҳои иловагӣ бекор карда мешавад.

Утверждены
постановлением Правительства
Республики Таджикистан
от 27 ноября 2019 года, №600

Правила
выдачи разрешения физическим лицам на добычу россыпных полезных ископаемых старательским и вольноприносительским способами

1. Настоящие Правила разработаны на основании требований законов Республики Таджикистан «О разрешительной системе», «О недрах», «О драгоценных металлах и драгоценных камнях» и регулируют деятельность физических лиц на добычу россыпных полезных ископаемых старательским и вольноприносительским способами.

2. Добыча россыпных полезных ископаемых старательским и вольноприносительским способами (далее – добыча россыпных полезных ископаемых) осуществляется физическим лицом (далее – обладатель разрешительного документа) в соответствии с разрешительным документом в участках недр с неподсчитанными запасами и неучтёнными на государственном балансе запасами полезных ископаемых Республики Таджикистан.

3. Долины и притоки республиканских рек (прибрежные аллювиальные отложения) и осыпи склонов гор (элювиальные, делювиальные, пролювиальные и коллювиальные отложения), находящихся на территории городов и районов, на которых осуществляется добыча россыпных полезных ископаемых старательским и вольноприносительским способами, определяются Главным управлением геологии при Правительстве Республики Таджикистан и представляются Министерству финансов Республики Таджикистан.

4. Физическое лицо подает заявление для получения разрешительного документа в местный финансовый орган и документы заявителя местными финансовыми органами в сроки, установленные Законом Республики Таджикистан «О разрешительной системе», представляются Министерству финансов Республики Таджикистан для рассмотрения и выдачи разрешительного документа. Разрешительный документ после утверждения Министерством финансов Республики Таджикистан предоставляется заявителю через местный финансовый орган.

5. К перечню россыпных полезных ископаемых, добыча которых разрешается старательским и вольноприносительским способом относятся, цветные и драгоценные металлы: золото, серебро, платина, олово (каменистое олово), вольфрам (вольфрамит, шеелит), титан (рутил, ильменит, лейкоксен), минералы редкоземельных элементов (лопарит, монацит, ксенотим, баснезит), драгоценные и полудрагоценные камни: группа корунда – рубин и сапфир, хризолит, топаз, берилл, шпинель, клиногумит, гранаты, нефрит, агат, группа кварца (горный хрусталь), россыпи сурьмы, флюорита и других полезных ископаемых в элювиальных, делювиальных, пролювиальных и коллювиальных отложениях.

6. Во время добычи россыпных полезных ископаемых запрещается использование химических реагентов обладателем разрешительного документа.

7. Купля – продажа россыпных полезных ископаемых производится в соответствии с Правилами купли – продажи, экспорта и импорта драгоценных металлов, драгоценных камней и сырьевых товаров, содержащих драгоценные и цветные металлы, утвержденными постановлением Правительства Республики Таджикистан от 6 мая 2006 года, №215 «О Правилах купли продажи, экспорта и импорта драгоценных металлов, драгоценных камней и сырьевых товаров, содержащих драгоценные и цветные металлы».

8. Обладатель разрешительного документа имеет право:

- произвести добычу россыпных полезных ископаемых с использованием ручных инструментов, техники с двигателем мощностью не более 50 лошадиных сил и минипромывочных приборов с производительной мощностью не более 5м³/час;

- предлагать для выкупа россыпные полезные ископаемые, приведенные в пункте 5 настоящих Правил, в пункты скупки драгоценных металлов, официально созданных на местах и промышленные предприятия, имеющие лицензии на переработку недр (за исключением драгоценных металлов и драгоценных камней).

9. Обладатель разрешительного документа обязан:

- соблюдать требования законодательства по технологии ведения работ, связанных с использованием недр и промышленной безопасности при ведении добычи россыпных полезных ископаемых;

- реализовать добытые драгоценные металлы и драгоценные камни государственному хранилищу ценностей при Министерстве финансов Республики Таджикистан или же в пункты скупки драгоценных металлов, созданных государственным хранилищем ценностей при Министерстве финансов Республики Таджикистан на местах. В случае письменного отказа от покупки со стороны уполномоченного государственного органа, предлагать добытую продукцию другим пунктам скупки драгоценных металлов, официально созданных на местах;

- соблюдать и выполнять правила по охране труда, технике безопасности и по охране окружающей среды;

- восстанавливать земельные участки и другие природные объекты, разрушенные при пользовании недрами и привести в состояние, пригодное для их дальнейшего использования;

- осуществить деятельность в приграничных участках только по согласованию с соответствующими подразделениями пограничных войск Государственного комитета по национальной безопасности Республики Таджикистан;

- выполнять условия, установленные разрешительным документом.

10. Для участков по добыче россыпных полезных ископаемых старательском и вольноприносительским способами, оформление землеустроительном документации не требуется.

11. Сокрытие добытого россыпного полезного ископаемого, а также нарушение правил и требований по безопасному ведению горных работ при добыче россыпных полезных ископаемых старательским и вольноприносительским способами, повлекшее нанесение телесных повреждений или смерть человека, являются основанием для аннулирования разрешительного документа.

12. В случае возникновения необходимости снятия для государственных нужд участка, которому выдано разрешение на добычу россыпных полезных ископаемых старательским и вольноприносительским способами, действие разрешительного документа аннулируется без дополнительных условий.